# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ва номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № _____**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02 апрели соли 2026 № 6-1**

Барои сазовор донистани Толибзода Умеда Олим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия).

Диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи *«Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ»*, аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба ҳимоя 08.01.2026 с. қабул карда шуд, суратҷаласаи №1-1 шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо нишонаи 734025, ш.Душанбе, кӯчаи Бофанда 5/2 (фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №192/шд аз 01.07.2022).

Довталаби дараҷаи илмӣ Толибзода Умеда Олим 18 ноябри соли 1982 дар шаҳри Кӯлоби Вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Унвонҷӯ Толибзода Умеда Олим соли 2004 факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакиро, аз рӯйи ихтисоси «Химия» бо дипломи аъло хатм намудааст, ТСИ №0004607.

Дар айни ҳол Толибзода Умеда Олим дар вазифаи табиб-озмоишгари озмоишгоҳи гигиенаи хурокаи Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

- доктори илмҳои техникӣ, дотсент, **Амирзода Ориф Ҳамид**, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмӣ.

**Мукарризони расмӣ:**

- **Муҳаббатов Холназар,** доктори илмҳои география, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, факултаи география, кафедраи «Методикаи таълими география ва туризм», профессори кафедра;
- **Одинаев Қодирҷон Нодирович,** номзади илмҳои техникӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи «Метеорология ва климатология», муаллими калони кафедра.

Мукарризони расмии зикргардида ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи раисикунанда, муовини директори Марказ оид ба илм ва таълим, номзади илмҳои химия Саидзода В.Я., эксперт ва омодакунандаи лоиҳаи тақриз, номзади илмҳои техникӣ, мудири шӯъбаи экспедитсионӣ ва таҳқиқотҳои саҳроии МДИ «Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ» Абдуллов Ҷ.Д. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои кишоварзӣ Толиҳов Ҷ.А. ба имзо расидааст ва аз ҷониби директори Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон», н.и.г.-м. Шерализода Н.Ш. тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад ва ба талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 с. тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Унвонҷӯ дорои 8 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 кори илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд.

**Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои зерин ба нашр расидаанд:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои, аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тавсияшуда:**

1. **Толибова, У. О.** Исследование химического состава подземных вод кулябского региона и изыскание возможности применения бентонитовых глин для их умягчения / **У. О.Толибова,** А.С.Раджабова, К.Ф.Эмомов, Ф.И.Шаймурадов // Доклады АНРТ. – 2011. - №1, Том. 54, -С.49-52.
2. **Толибова, У. О.** Эффективность использования метода электроосаждения для очистки питьевых вод / **У.О.Толибова** // Научный журнал «Водные ресурсы, энергетика и экология» ИВПГЭ и Э НАНТ. - 2023. -№2, Том 3, -С.23-30.
3. **Толибова, У. О.** Хусусиятҳои тағйирёбии сифати об аз рӯйи нишондиҳандаи тирагӣ дар мисоли дарёи Варзоб / **У. О. Толибова,** Н. Фазлиддин, З. Д. Холназарова, О. Ҳ. Амирзода // Маҷалаи илмии «Захираҳои об, энергетика ва экология» ИМОГЭ ва Э АМИТ -2024. -№4, Том 3. -С. 168-174.
4. **Толибова, У. О.** Коркарди амсилаи биохимиявии раванди худтозашавии об дар мисоли дарёи Варзоб / **У. О. Толибова,** З. Д. Холназарова, О. Ҳ. Амирзода //Маҷалаи илмии «Захираҳои об, энергетика ва экология» ИМОГЭ ва Э АМИТ -2025. -№3, Том 4. -С. 138-147.

5. **Толибова, У.О.** Ташаккули таркиби химиявии об ва технологияи безараргардонӣ тавассути коагулянтҳо / А. С. Кодиров, **У. О. Толибова,** Ф. И. Нажмудинова, Ф. И. Шаймурадов, И. М. Рахимов // Паёми политехникӣ. Бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ. -2025. -№ 4, Том 72. -С. 66-72.

**Ба автореферати диссертатсия 4 тақризи мусбат ворид шуд:**

1. Аз доктори илмҳои техникӣ, профессор, мудири шуъбаи гидролгияи институти илмӣ-тадқиқотии гидрометеорологии шаҳри Тошканд **Мягков С.В.** Тақриз мусбӣ мебошад, эродҳо нест.

2. Аз номзади илмҳои химия, муовини аввали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Аҳмадзода М.З.** Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

*- барои арзёбии динамикаи тағйирот, дохил кардани тамоюлҳои вақтӣ дар тағйирот дар гидрохимияи об дар тӯли 10-15 соли охир муфид хоҳад буд;*

*- тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои таҳлил бо стандартҳои байналмиллалии сифати об (масалан, ТУТ) муқоисаи наздиктар карда шаванд.*

3. Аз мудири кафедраи мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замини Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, номзади илмҳои техникӣ, дотсент **Пулатов Ш.Я.** Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

*- дар рисола тавсифи муфассалтари усулҳои таҳлилӣ, ки барои арзёбии беҳтари мувофиқати онҳо бо ҳадафҳои эълоншудаи кор истифода мешаванд, қадр карда мешуд;*

*- хулосаҳои пешниҳодшуда сазовори тавзеҳот мебошанд – масалан, кадом тавсияҳои мушаххас барои беҳтар кардани ҳолати манбаҳои об пешниҳод шудаанд?*

*- муқоисаи натиҷаҳо бо таҳқиқоти шабеҳе, ки дар дигар минтақаҳо гузаронида шудаанд, барои таъкид кардани беназирии натиҷаҳо муфид хоҳад буд.*

4. Аз номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи обтаъминкунӣ, обихроҷӣ ва ҳифзи захираҳои оби Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ **Марамов М.Б.** Тақриз мусбӣ мебошад, эродҳо нест.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

**- арзёбӣ карда шуд** ҳолати хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаъҳои обии шаҳри Душанбе бо дарназардошти вазъи экологӣ ва таъсири омилҳои гуногун;

**- муқаррар карда шуд,** ки таҳлили сифати манбаъҳои обӣ гузаронида шуда, омилҳои асосии таъсиркунанда ба ҳолати онҳо муайян карда шуданд. Усули омӯзиши гидрологӣ бо истифода аз технологияи низоми иттилоотию ҷуғрофӣ ва объекти омӯзиш (ҳудуди шаҳри Душанбе) дар шакли тақсимоти чоркунҷагӣ пешниҳод гардид;

- **мукаррар карда шуд,** ки нишондиҳандаҳои оби таҳқиқшуда дар деҳаҳои Ғелот ва Даҳана барои даврахои таҳқиқотӣ пас аз татбиқи усули электротакшонкунї аз рӯи ҳама нишондиҳандаҳо беҳтар шудааст;

- **муайян карда шудааст,** ки таркиби обҳои минтақаи "Ғелот" аз ионҳои $S_4^{2-}$, $Cl^-$, $Ca^{2+}$, Mg2+, $K^{2+}$, $Na^{2+}$ иборат буда, дар таркиби обҳои деҳаҳои Ғелот ва Даҳана нишондиҳандаҳо аз ҳадди ҷоизи ғализ (барои оби нӯшокӣ) зиёд мебошанд. Дар таркиби оби деҳаи Ғелот сулфатҳо, хлоридҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ афзалият дошта, тақрибан то миқдори (вазни) 40% ташкил додааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст,** ки аҳамияти назариявӣ ва илмии таҳқиқот дар муайян намудани хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокии шаҳри Душанбе ва минтақаи Кӯлоб бо дарназардошти раванди ташаккулёбии сифати об ва ҳолати экологии он иборат мебошад. Аҳамияти амалии таҳқиқот бошад, тавсияҳо ва чорабиниҳои амалӣ ҷиҳати ҳифзи сифати сарчашмаҳои обии шаҳри Душанбе ва минтақаи Кӯлоб дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидашуда мебошад . Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ба сифати дастури методӣ барои муассисаҳои таъминоти оби нушокӣ барои аҳолӣ тавсия дода мешавад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун дастури илмӣ барои омода намудани магистрон ва докторантони PhD-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишо̇н доданд, ки эътимоднокии натиҷаҳои ба дастовардашуда вобаста ба истифодаи усулҳои таҳқиқи химиявӣ, физикавӣ, бактеорологӣ, рентгенограммӣ ва низоми иттилоотию ҷуғрофӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин дар кори диссертатсионӣ истифодаи амсилаи биохимиявӣ ва технологияҳои муосири ченкунӣ, муқоисаи натиҷаҳои амсила бо натиҷаи корҳои илмии олимони соҳа, бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот инъикос меёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

Саҳми муаллифи диссертатсия аз интихоби мавзуъ, муайян намудани мақсаду вазифаҳо, таҳлил ва муайянкунии мушкилоти вобаста ба таъмини аҳолӣ бо оби нушокӣ ва роҳҳои ҳали он дар асоси омӯзиши хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои оби нушокии шаҳри Душанбе ва минтақаи Кӯлоб ва инчунин пешниҳоди тавсияҳо, чорабиниҳои амалӣ ҷиҳати ҳифзи сифати сарчашмаҳои оби нушокӣ дар ин минтақаҳо иборат мебошад.

Мукаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда асоснок мебошанд, мундариҷаи кори илмиро объективона инъикос мекунанд ва бо миқдори зиёди маълумотҳои таҷрибавӣ, натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, ки шахсан муаллиф ба даст овардааст ва таҳлили муфассал шудааст, мавҷуд мебошанд.

Дар маҷлиси 2 апрели соли 2026 шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 қарори сазовор донистани Толибзода Умеда Олим бо дараҷаи илмии

номзади илмҳои техникӣ аз рӯии ихтисоси 2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар ва номзади илм 1 нафар аз рӯи ихтисоси рисолаи дифоъшаванда 2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия, ки дар вохӯрӣ аз - 11 шахсоне, ки аъзои шуро мебошанд, овоз доданд: "ҷонибдор" - 11, "зид" - нест , "бюллетенҳои беэътибор" - нест .

Раиси
шурои диссертатсионӣ Гулаҳмадзода А.А.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ Шаймурадов Ф.И.

2 апрели соли 2026